# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзӯи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ» (дар мисоли фанни химия) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Рисолаи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич таҳқиқоти хотимаёфтаи илмие мебошад, ки ба проблемаи шароитҳои педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мисоли фанни химия бахшида шудааст.

Ҳамаи масъалаҳои асосие, ки дар рисолаи номзадй гузошта шудаанд, ҳалли худро ёфтанд: дар натиҷаи омӯзиши адабиёти зарурии илмӣ проблемаи рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муаррифӣ гардид; сатҳи зарурии рушди самаранокии фаъолияти маърифатии донишҷӯён муайян карда шуд; сатҳи воқеии ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишчуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар мисоли факултети химия ва биология муайян карда шуд; истифода бурдани феҳристи шароитҳои педагогие, ки ба рушди фаъолияти мустақилу маърифатнокӣ таъсири мусбат мерасонанд, мавриди озмоиш қарор дода шуданд ва натиҷаҳои зарурӣ гирифта шуданд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Рисолаи диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич моҳияти назариявӣ дорад, ки аз асосдиҳии шароитҳои педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси назарияи дониш ва маърифат, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар рисола, инчунин методҳои истифодаи гурӯҳи шароитҳо муайян карда

шуданд, ки асосан ба кори мастақилона ва эҷодии донишҷӯён равона шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар рисола самтҳои илмию эҷодӣ, психологӣ-педгогӣ арзёбӣ гардиданд, ки самарабахшии фаъолияти ба маърифат нигаронидашуда мебошанду рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо доир ба азхудкунии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳоро тавсиф медиҳанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки коркарди назариявию методӣ ва тарзи амалигардонии барномаҳои машқҳои пешниҳодшаванда, ба фаъолияти самарбахши донишҷуён дар машғулиятҳои беруназаудитории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамоянд. Ин маводро ҳангоми бозомӯзии омӯзгорони муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан имконпазир мебошад.

Рисолаи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима асосҳои методологии баррасии проблемаи таҳқиқшаванда мавриди тавсиф қарор дода шудааст.

Дар боби аввали рисола «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши химия дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ном дошта, аз зерфаслҳои зерин иборат мебошад: масъалаҳои рушди шахсият дар раванди таълим; рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химиявӣ (асосӣ), *хуб мешуд, агар фанни химия ё фанҳои химиявӣ меномидем;* шароитҳои педагогии рушди таълимӣ-дарксозии донишҷӯён.

Фасли дуюми диссертатсия ба асосноккунӣ ва санҷиш «Методикаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба санҷиши муваффақона будани шароитҳои педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён» бахшида шудааст.

Дар асоси маводи омӯхташудаи назариявӣ, вазифаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ гузошта шуданд, ки аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- таҳқиқи озмоиши шароити рушди мустақилияти донишҷӯён ва фаъолнокии маърифатии онҳо дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- тасдиқи озмоиши шароити рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯёни курсҳои 1-3 факултети химия ва биология дар раванди таълими химия;

- муайянсозии шароит доир ба самарабахшии фаъолияти маърифатӣ, таҳлили қисмҳои гуногуни эҷодӣ;

- таҳлил ва коркарди маълумоте, ки дар натиҷаи озмоиш санҷида шудаанд.

Кори озмоишӣ дар се марҳила гузаронида шуда, дар ҳар як марҳила вазифаҳои муайяни гузошташуда истифода шуда, натиҷаҳои муайян ба даст омаданд ва онҳо бо якдигар зич алоқаманд буда, ҳадафи умумӣ доштанд.

Барои бомуваффақият будани рушди фаъолияти таълимию маърифатӣ дар донишҷӯён муаллиф шароитҳои зерини педагогиро ба ба эътибор гирифтааст, ки аз диди илмӣ-методӣ дуруст арзёби мегардад:

- қобилиятҳои омӯзгор ба идоракунии фаъолияти фаъоли маърифатии хонанда;

- ташкили раванди таълим бо назардошти қобилиятҳои инфиродии донишҷӯ, тавсияҳои арзишманд аз ҷониби омӯзгор оид ба касби донишҳо;

- ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти гуногуни мустақилонаи маърифатӣ;

- истифодаи супоришҳо ва саволҳои хусусияти эҷодидошта дар раванди таълим.

Сатҳи фаъолиятнокии донишҷӯён дар гурӯҳҳо муайян карда шудаанд. Дар ҳар як сатҳи фаъолнокӣ, дар озмоишӣ педагога нишондоди миёнаи сатҳи фаъолнокии донишҷӯён тибқи формулам Л. И. Савва муайян карда шудаанд.

Барои гузаронидани озмоиш муаллифи рисола дар миёни донишҷӯёни курси якуми факултети химия ва биология 25 нафар донишҷӯён дар гурӯҳи назоратӣ ва 72 донишҷӯ - дар гурӯҳи озмоишӣ интихоб шуданд.

Озмоиши таълимдиҳанда дар ду марҳила гузаронида шуда, дар раванди таълим навъи вариантивии таълим ба кор бурда шуд, ки мақсаднок буда, дар гурӯҳҳо нишондиҳандаҳои алоҳида баробар карда шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Тавре ки аз таҳқиқот бармеояд, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Дар раванди таҳқиқот вазифаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

- қисми назариявии таҳқиқот бо ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти маънавӣ ва мустақилияти донишҷӯён равона шудааст;

- шароити педагогӣ барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён нишон дода шудааст;

- меъёрҳои сатҳи рушди фаъолнокии донишҷӯён ва усули таҳлилкунии онҳо муайян карда шудааст;

- бо роҳи озмоишӣ методикам ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти маънавии донишҷӯён дар раванди таълим ва фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ коркард ва тасдиқи дурусти худро пайдо намудааст;

- натиҷаҳои озмоиш, коркард ва таҳлил карда шудаанд.

Тибқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ роҳи илмӣ-амалӣ доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давом дода шуда буд. Шароити педагогӣ коркард карда шуданд, ки имкониятҳои баланд бардоштани раванди рушди

фаъолияти донишҷӯёнро дар вакти омӯхтани фанҳои асосӣ дар факултети химия ва биология пешкаш менамоянд. Ҳамчунин коркарди методӣ ва амалии барномаҳо ба роҳ монда шуд, ки дар худ вазифаҳои шакли вариантивӣ доштаро дар бар мегиранд, ки ба фаъолнокии донишҷӯён, чӣ дар дарсҳои таълимӣ ва чӣ дар корҳои беруназаудиторӣ мусоидат мекунад.

Дар рисолаи илмӣ методҳои истифодаи гурӯҳи шароитҳо муайян шуда буд, ки асосан ба кори мустақилона ва корҳои эҷодӣ равона шуда буданд.

Омӯзиши гузошташуда фарзияи пешкашкардашударо исбот намуд: барои рушди бомувафақияти самарабахшии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ба назар гирифтани шароити педагогии зерин зарур мебошанд: қобилияти омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба идоракунии фаъолияти самарабахшии маънавии донишҷӯён; ташкил намудани раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои фардии шахсияти донишҷӯён; ҷалб намудани донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни фаъолияти самараноки мустақилонаю дарксозӣ; дар раванди таълим истифодаи вазифаҳо ва супоришҳои хусусияти эҷодидошта.

Дурустӣ ва воқеияти дастовардҳои илмӣ, натиҷгирӣ, пешниҳодҳо, ки дар рисолаи номзадӣ оварда шудаанд, ба принсипҳои таълиму тарбия, консепсияи илмии тайёрии касбии донишҷӯён, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳкикот, таҳлили шароитҳои корҳои озмоишӣ, тасдиқи фарзияи гузошташуда, инчунин таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ такя мекунанд.

Маводи таҳқиқотии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семианрҳои илмӣ маърӯза гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Муаллиф доир ба рисола маводи зарурирo ба чоп расонидааст, ки мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро дар бар мегиранд.

Дар баробари натиҷаҳои дар рисола ба даст омада норасогиҳои зеринро низ қайд кардан мумкин аст:

1. Агар унвони рисоларо бо калимаи «шароитҳои педагогии...» иваз мекрдем ба мақсад мувофиқ мебуд, зеро сухан дар бораи на шароити алоҳида балки шароитҳои муайянкардаи муаллиф меравад.

2. Боби аввли рисола тавсифи кӯтоҳи назриявиро дарбар мегирад.

3. Дар диссертатсия ва автореферат хатогиҳои зиёди услубӣ ва имлоӣ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Новобаста аз ин, ба рисолаи номзадии баҳо дода дар умум гуфтан ҷоиз аст, ки он таҳқиқоти мустақили илмӣ буда, натиҷаҳои гирифташуда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои тайёрии касбӣ-методии омӯзгори ояндаи математика дар мактабҳои олии тамоюли омӯзгорӣ мебошад. Таҳқиқоти Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзӯи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ» (дар мисоли фанни химия) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи рисола сазовори дарёфти номзади иилмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи АТТ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (математика))
734003. Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
e-mail: nugmonov@mail.ru
Тел.: 93-864-76-29 Мансур Нугмонов

Имзои Мансур Нуғмоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба ном Садриддин Айнӣ А. Мустафозода
«10» 09 соли 2022.